ТДУ 631.1634.5

# ТАЪСИРИ УСУЛҲОИ ПАРВАРИШ БА БАРОМАДИ УМУМИИ МАҲСУЛОТ ВА ҲОСИЛНОКИИ ЧОРМАҒЗИ ЗАМИНӢ

**Қурбонова Б. А.- н.и.к., дотсент, ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур**

***Калимаҳои калидӣ:*** *муҳлат, усул, чормағзи заминӣ, зичӣ, равған.*

Таъминоти аҳолии кураи замин, бахусус аҳолии давлатҳои иқтисодиёташон қафомонда бо озуқа, яке аз масъалаҳои умумибашарӣ маҳсуб мешавад. Арзиши маҳсулоти асосии истеъмолӣ,ба хусус орд, нон, шолӣ ва равғани растанӣ тадриҷан боло рафта, имконияти дастёбӣ ба онҳо сол ба сол душвор мегардад. Талаботи рӯзмарраи аҳолӣ ба маҳсулоти истеъмолӣ танҳо бо роҳи ворид намудани маҳсулот бо нархи гарон аз дигар давлатҳо таъмин карда мешавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти истеъмолӣ ва мустаҳкам намудани пойгоҳи истеъмолии кишвар доимо чораҳои зарурӣ меандешад. Дар алоқамандӣ аз норасоӣ ва баландарзиш будани маҳсулоти истеҳсолӣ соҳаи чорводорӣ аз ҷумла равғанҳои органикӣ аҳолии таҳҷоӣ асосан аз равғани растанӣ, бахусус равғани пахта истифода мебаранд.

Дар байни зироатҳои равғандиҳанда – чормағзи заминӣ (арахис) аз рӯйи миқдори равғани зиёди таркиби дон ва сифати баланди равғанаш фарққунанда мебошад. Дар таркиби дони чормағзи заминӣ 50-60% равғани баландсифати озуқавии хушкнашаванда ва 35% сафеда мавҷуд аст. Аз дони чормағзи заминӣ наздик ба 60 намуди маҳсулот истеҳсол карда мешавад.

Чормағзи заминӣ ҳамчун зироати байни қаторҳояш коркардшаванда барои дигар зироатҳо пешинакишти пурқимат ба шумор меравад. Ҳангоми коркарди байни қаторҳои зироат дар давоми давраҳои нашъунамо миқдори алафҳои бегона кам шуда, илова ба он чормағзи заминӣ, ҳамчун зироати лӯбиёдонагӣ ҳангоми коркарди тухмӣ бо перепарати нитрогин қобиляти ғункунии нитрогени биологиро пайдо намуда, ҳосилхезии хокро баланд мебардорад.

Аз рӯйи истеҳсоли маҳсулот дар байни зироатҳои равғанӣ чормағзи заминӣ ҷойи чорумро (баъд аз пахта, зағир ва лӯбиёи чинӣ) ишғол менамояд.

Чормағзи заминӣ дар шароити иқлимии Тоҷикистон асосан дар қитъаҳои наздиҳавлигӣ кишт карда шуда, ҳосилнокиаш на он қадар баланд аст. Бинобар ин илман асоснок намудани усулҳои парвариши чормағзи заминӣ барои ба даст овардани ҳосили баланди дон дар шароити заминҳои обии Тоҷикистони Марказӣ аҳамияти баланди илмӣ ва истеҳсолӣ дорад.

Дар алоқамандӣ ба ин мо корҳои илмӣ – тадқиқотии худро барои мукаммалгардонии усулҳои парвариши чормағзи заминӣ дар шароити минтақаҳои наздикӯҳии Тоҷикистони Марказӣ нахустин маротиба оид ба муҳлат, усули кишт ва зичии ниҳолҳои ин зироати пурқимати равғанидиҳандаро, ки ҳосилнокии баланди зироатро таъмин менамояд, илман асоснок намудем.

Корҳои таҳқиқотӣ давоми солҳои 2014-2015 дар ҳоҷагии деҳқонии ба номиМуслиҳиддини ноҳияи Файзобод дар асоси усули Б. А. Доспехов (1985 с.) бо такрори чоркарата роҳандозӣ карда шуд.

Ҷараёни корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мувофиқи барномаи тасдиқгардида анҷом ёфта, дар ин замина усулҳои зерини парвариши чормағзи заминӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифт:

Таҷрибаи 1: муҳлатҳои кишт -1-май;10-май; 20-май.

Таҷрибаи 2: усулҳои кишт – ҳамвор ва пуштагӣ (гребневой) бо андозаи байниқаторҳои 70 см ва зичии ниҳолҳои 120 ҳазор растанӣ дар 1 гектар.

Таҷрибаи 3: зичии ҷойгиршавии растаниҳо дар 1 гектар:

1).75 ҳазор;
2). 90 ҳазор;
3).105 ҳазор;
4).120 ҳазор;
5).135 ҳазор;
6).150 ҳазор.

Барои кишт тухмии дороии лаёқати киштшавандагиаш баланди навъи чормағзи заминии «Тоҷикӣ-15» мавриди истифода қарор гирифта, дар таҷрибаҳои 1 ва 2 кишт бо меъёри 80 кг тухмӣ дар 1 га ва дар таҷрибаҳои сеюм бошад, вобаста ба зичии қабулшудаи ниҳолҳо гузаронида шудааст.

Меъёри солонаи истифодаи нуриҳоро бо назардошти ҷаббиши моддаҳои ғизоӣ барои ташаккулёбии 1 с ҳосил, захираи моддаҳои ғизоӣ дар хок ва коэффисиенти истифодаи моддаҳои ғизоӣ аз хок ва нурӣ муқаррар намудем, ки ҳаҷман N-60, P60, K40-ро ташкил медиҳад. Тамоми меъёри солонаи нуриҳои калигӣ ва 50%-и нуриҳои фосфорӣ пеш аз шудгори тирамоҳӣ, 50%-и нуриҳои фосфорӣ ва меъёри солонаи нуриҳои нитрогенӣ дар ду ғизодиҳӣ – ҳангоми гулкунии растаниҳо ва ҳосилпайдошавӣ истифода бурда шуд.

Ба кишти чормағзи заминӣ ҳангоми дар чуқурии 8-10 см 14-15 $^0$С гарм шудани ҳарорати хок - 10 май (таҷрибаҳо оид ба усули кишт ва зичии растаниҳо) оғоз намудем. Таҷрибаҳо оид ба муҳлати кишт аз рӯйи барномаи корӣ ба роҳ монда шуданд. Ҳангоми кишт масофаи байни қаторҳо 70 см ва меъёри кишти тухмӣ 80 кг/га истифода шуд. Дар давоми инкишофёбӣ байни қаторҳои зироатро чор маротиба дар чуқурии 6-8 см коркард намудем. Бо пайдо шудани решаҳои маҳсулнок (генофор) киштзор пуштабардорӣ карда шуд.

Дар рафти бароҳмонии корҳои тадқиқотӣ ба мо аён шуд, ки усулҳои кишт ба нашъунамо ва давомоти байни давраҳои чормағзи заминӣ таъсири бевосита мерасонад.

Вобаста аз мухлатҳои кишт давомоти пурраи инкишофи чормағзи заминӣ 152-143 рӯзро ташкил дод. Ҳангоми кишти пуштагӣ, аз ҳисоби гармшавии пуштаҳо растаниҳо босуръат нашъунамо карда, пухтани ҳосил 4 рӯз пештар, нисбат ба усули кишти ҳамвор, ба қайд гирифта шуд.

Дар вобастагӣ аз зичии растаниҳо давомоти инкишофи чормағзи заминӣ аз 141 то 151 рӯзро ташкил намуд. Бо зиёд кардани зичии растаниҳо аз 75 то 150 растанӣ дар як гектар фарқият аз рӯйи давомоти давраи инкишоф 2-10 рӯзро ташкил дода, давомнокии давраи ҳаётии зиёд, ҳангоми гузаронидани кишт бо меъёри 75 ҳазор ниҳол дар 1 гектар(151 рӯз) ва давомоти инкишофи кутоҳ-141 рӯз бо зичии 150 ҳаз. раст./га ба мушоҳида расид. Дар тамоми вариантҳои омӯзишӣ бо давомоти зиёд (34-38 рӯз) дар марҳилаи гулкунӣ-ҳосилпайдошавӣ ва ҳосилпайдошавӣ -пухтарасӣ (62-65 рӯз) ба қайд гирифта шуд.

Раванд ва дараҷаи ташаккулёбии биомассаи растаниҳо аз хусусиятҳои иқлимиву хокӣ, агротехникаи парвариш ва хусусиятҳои навъи зироати киштшаванда вобастагӣ дошта, онро натиҷаҳои кории муҳаққиқони зиёд собит намудааст. Аз рӯйи натиҷаҳои корҳои таҳқиқотии сесолаи мо чунин бармеояд, ки дар ташаккулёбии вазни хушки чормағзи заминӣ муҳлати кишт, усули кишт ва зичии растаниҳо таъсири зиёд мерасонанд.

Дар тамоми вариантҳои омӯзишӣ ташаккулёбии нисбатан бошиддати вазни хушки чормағзи заминӣ дар марҳилаи гулкунии растаниҳо оғоз ёфта, дар марҳилаи пайдоиш ва пухтарасии ҳосил нишондоди баландтарини он ба мушоҳида расид. Дар марҳилаи гулкунии киштзор фарқияти вариантҳои омӯзишӣ аз рӯйи нишондоди вазни хушк аз 9,4 то 21,2с аз ҳар як гектарро ташкил додааст. Дар марҳилаи пухтарасӣ ҳосилнокии биологии киштзор дар вобастагӣ аз зичии растаниҳо аз 40,7 то 55,7 сентнерро аз як гектар ташкил додааст.

Ҳангоми натиҷабардории таҷрибаҳои илмӣ маълум шуд, ки нишондоди баландтарини вазни хушки киштзор, (155,7 с/га ), ҳангоми истифодабарии шуои офтоб ташаккул меёбад.

Ҳосилнокӣ - ин нишондоди асосӣ ва ҷамъбастии тачрибаҳои илмӣ буда, ташаккулёбии он аз хусусиятҳои ҳаётии зироат, бароҳмонии агротехникаи парвариш ва фароҳамории тамоми омилҳои ҳаётӣ дар давраи нашъунамо вобастагӣ дорад.

Дар тачрибаҳои мо ҳосилнокии дони чормағзи заминӣ вобаста аз усулҳои кишт ба ҳисоби миёна 31,9-34,7 с. –ро аз як гектар ташкил дода, ҳангоми гузаронидани кишт бо усули пуштагӣ нисбат бо усули кишти ҳамвор 2,8 сентнер дар як гектар ё худ 17,7%-бештар ҳосилнокии донро таъмин намудааст.

Вобаста ба муҳлатҳои кишт, ҳосилнокии баланди дони чормағзи заминӣ 34,3 с/га, ҳангоми гузаронидани кишт дар таърихи 10 май ташаккул ёфта, ин нишондод нисбат ба ҳосилнокии вариантҳои 1 – ум ва 20 – уми май 3,0 - 3,6 с./га мутаносибан зиёдтар аст.

Бо зиёд кардани зичии растаниҳо аз 75 то 135 ҳазор дар як га. мутаносибан ҳосилнокии дон аз 26,4 то 34,5 с аз ҳар як гектар зиёд гаштааст. Зиёд намудани зичии растаниҳо то 150 ҳаз. дар як гектар ҳосилнокии дон нисбат ба варианти зичии ниҳолҳои 135 ҳаз. дар 1 га. вобаста ба халалдоршавии ҷараёни фотосинтез 1,5 с/га коҳиш ёфтааст. Ба ҳисоби миёна варианти беҳтарини ҳосилнокии донро усули кишти пуштагӣ (35,3 с/га) ва зичии қарордоди растаниҳо ба 120 ва 135 ҳазор дар як гектар будан (33,4-34,5 с/га) ҳисобида шудааст.

Дар замони гузаштан ба шаклҳои иқтисоди бозоргонӣ аҳамияти баланди иқтисодии киштзор ин баромади умумии маҳсулот ва зироати киштшаванда ба ҳисоб рафта, он нишондоди муҳими иқтисодӣ маҳсуб шуда, самаранок истифодабарии майдонҳои кишоварзӣ, иқтидори биоиқлимии минтақа (ИБМ) ва самаранокии сарфи меҳнатро инъикос менамояд.

Аҳамияти равған ва кунҷораи аз дони чормағзи заминӣ истеҳсолшуда, ҳамчун маҳсулоти пурқимат, ҳангоми болоравии арзиши равғани растанӣ боз ҳам меафзояд. Миқдори баромади равған ва кунҷора бевосита аз ҳосилнокии дони зироат вобастагӣ дорад. Вобаста ба муҳлатҳои кишт баромади равған 16,8 - 18,6 с/га-ро ташкил дода, нишондоди баландро муҳлати кишти 10 –уми май таъмин намуд. Баромади равғани усули кишти пуштагии чормағзи заминӣ нисбат ба усули кишти ҳамвор то 18,8 с/га бештар мебошад.

Нишондоди баландтарини баромади равғанро киштзори зичии растаниҳои 120 ва 135 ҳаз.раст./га –(18,2-18,7 с/га) таъмин намуда, ин нишондод нисбат ба киштзори зичии 75 ҳаз.раст./га то 4,0-4,5 с/га ва аз киштзори зичии 150 ҳаз. рас./га 0,7 с/га бештар аст. Нишондоди вазни кунҷора мутаносибан ба дараҷаи ҳосилнокии зироатҳо вобастагӣ дошта, дар вариантҳои тачрибавӣ аз 12,1 то 17,7 сентнерро аз як гектар ташкил додааст. Дар варианти муҳлати кишти 10 май баромади кунҷора 15,5 с/га-ро ташкил дода, он нисбат ба дигар муҳлатҳои кишт то 1,5 сентнер аз ҳар як гектар зиёдтар аст.

Ҳангоми коркарди ҳосил аз усули кишти пуштагӣ 15,9 с/га кунҷора ҳосил шуда, ин нишондод нисбат ба усули кишти ҳамвор 1,6 с/га бештар мебошад. Нишондоди баландтарини бароиши кунҷораро 15,1 - 15,7 с/га зичии 120 - 135 ҳаз.рас./га таъмин намуд.

Ҳамин тариқ, дар тачрибаҳо мо нишондоди баландтарини ҳосили дон ва мутаносибан ба он баромади равғану кунҷораро муҳлати кишти 10 май, усули кишти пуштагӣ ва зичии растаниҳои 120-135 ҳазор дар як гектар таъмин намуда, вариантҳои беҳтарин ба шумор меравад.

Ҳангоми ба арзиши 10 сомонӣ ба фурӯш баровардани 1 кг равғани чормағзи заминӣ даромади умумӣ аз як гектар (ба ғайр аз арзиши маҳсулоти иловагӣ ва кунҷора) аз вариантҳои беҳтарини тачрибаҳои илмӣ зиёда аз 18 ҳазор сомонӣ ба даст овардан мумкин аст.

Ин нишондод гувоҳӣ аз он медиҳад, ки бо роҳандозӣ намудани технологияи дурусти парвариши чормағзи заминӣ даромади баланд ба даст оварда, сатҳи иқтисодии хоҷагӣ ва сатҳи зиндагии хоҷагидоронро баланд бардоштан мумкин аст(ҷадв.).

**Ҷадвал. - Баромади умумии маҳсулот аз чормағзи заминӣ, с/га**

| Вариантҳои омӯзишӣ | Маҳсулотҳои иловагӣ | Ҳосилноки и ғилофак | Боқимонда и ғилофак | Ҳосилноки и дон, с/га | Баромади маҳсулот ҳангоми коркард | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Равған | Кунҷора |
| **I.Муҳлатҳои кишт** | | | | | | |
| **1 мая** | 22,5 | 40,0 | 9,4 | 31,3 | 17,3 | 13,9 |
| **10 мая** | 23,1 | 44,5 | 10,2 | 34,7 | 18,6 | 15,5 |
| **20 мая** | 22,3 | 40,1 | 9,2 | 30,7 | 16,8 | 13,4 |
| **II. Усулҳои кишт** | | | | | | |
| **Ҳамвор** | 21,2 | 41,4 | 9,5 | 31,9 | 17,4 | 14,3 |
| **Пуштагӣ** | 22,1 | 45,1 | 10,4 | 34,7 | 18,8 | 15,9 |
| **III.Зичии ҷойгиршавии растаниҳо, ҳаз./га** | | | | | | |
| **75** | 20,0 | 34,3 | 7,9 | 26,4 | 14,2 | 12,1 |
| **90** | 22,4 | 36,9 | 8,5 | 28,4 | 15,2 | 13,1 |
| **105** | 23,0 | 41,2 | 9,5 | 31,7 | 17,3 | 14,3 |
| **120** | 24,1 | 43,4 | 10,0 | 33,4 | 18,2 | 15,1 |
| **135** | 25,0 | 44,8 | 10,3 | 34,5 | 18,7 | 15,7 |
| **150** | 29,9 | 42,4 | 9,9 | 33,0 | 18,0 | 14,9 |

## АДАБИЁТ


1. Доспехов Б.А. Методика полевого опыта- М.: Агропромиздат, 1985. С.-351
2. Ягодин Б.А. Теоритические основы фиксации молекулярного азота в земледелии СССР- М., 1981.- С. 41



## АННОТАТЦИЯ

## ВЛИЯНИЕ ПРИЕМОВ ТЕХНОЛОГИИ ВОЗДЕЛЫВАНИЯ НА УРОЖАЙНОСТЬ И ВЫХОД ПРОДУКЦИИ АРАХИСА

В статье приводятся сведения относительно влияния приемов выращивания на выход продукции арахиса. Высокие показатели урожая семян соответственно выход масла и жмыха отмечены при проведении посева 10 мая, гребневым способом, густотой 120-135 тыс.раст./га.

При реализации масла арахиса стоимостью 10 сом., общий доход с 1га (кроме стоимости побочной продукции) из лучших вариантов исследований достигает 18000 сомони.

## ANNOTATION

## INFLUENCE OF CULTIVATION TECHNIQUES ON THE YIELD OF PEANUTS

This article provides information on the relative methods about cultivation on the yield of peanuts. High rates of seed yield, respectively, the yield of oil and cake were noted during sowing on May 10, comb method, the density of 120-135 thousand plants.ha. With the implementation of the peanut butter cost 10 som., total income from 1 ha (expert the cost of byproducts) of the best research options reaches 18000 somoni.